There are no translations available.

ДУШАНБЕ, 20.10.2021. /АМИТ «Ховар»/. *20 октябри соли равон дар шахри Душанбе Чаласаи хадамоти махсуси Эрон, Казокистон, Чин, Покистон, Русия, Точикистон ва Узбекистон баргузор шуд.*

Чонибхо вазъи мураккаби Афгонистонро, ки онҷо амалхои террористӣ ва дигар амалхои хушунатомез идома доранд ва боиси курбонии зиёди одамон мешаванд, зикр намуданд.

Дар робита ба мураккабии равандхои дар кишвар рухдода, тамоюли чалби намояндагони чавонони миллатхои гуногун ба созмонхои байналмилалии террористӣ ба назар мерасад.

Созмонхои байналмилалии террористӣ барои мавчудияти давлатдорӣ дар Афгонистон хатар эчод мекунанд.

Иштирокдорони Чаласа ахамият ва зарурати ташкили хукумати фарогирро бо назардошти манфиатхои хамаи гурӯххои этникӣ, ичтимоӣ ва конфессионалӣ зикр мекунанд.

Бо максади ба эътидол даровардани вазъияти Афгонистон имконияти ташкилоти байналмилалие, ки иштирокчиёни чаласа узви онхо мебошанд, истифода бурда шавад.

Иштирокдорони Чаласа аз созмонхои байналмилалӣ ва давлатхои манфиатдор даъват мекунанд, ки дар халли мушкилоти Афгонистон равиши ягона тахия кунанд, кӯшишхоеро, ки бахри баркарорсозии тартиботи хукукӣ дар ин кишвар, таъсиси хукумати фарогир, пешгирии шиддати минбаъдаи хушунат ва муборизаи якчоя бар зидди терроризми байналмилалӣ равона гардидаанд, дастгирӣ намоянд.